**ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»**

**ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ**
**ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ**
**БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 БА ОХИР РАСИД**

Роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки вазъи молиявии Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Аввалин бонки молиявии хурд»-ро (дар оянда «Бонк») дар санаи 31 декабри соли 2018, натиҷаи фаъолият, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағъирёбии сармояи онро барои соле, ки дар ин сана ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (дар оянда «СБҲМ»), ҷавобгар аст.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ Роҳбарият ҷавобгар аст ба:

- таъмин намудани интихоб ва истифодаи муносиби усулҳои сиёсати ҳисобдорӣ;
- пешниҳоди маълумот, инчунин маълумот дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, дар шакле, ки бамавриднокӣ, боэътимоднокӣ, қиёспазирӣ ва фаҳмогии чунин ахборотро таъмин менамояд;
- пешниҳод намудани маълумоти иловагӣ дар ҳолатҳое, ки риояи талаботи СБҲМ барои фаҳмиши таъсири ин ё он амалиётҳо, ва инчунин дигар воқеъаҳо ва ҳолатҳо ба вазъи молиявӣ ва натиҷаи молиявии Бонк аз тарафи истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ кофӣ нест;
- баҳо додан ба қобилияти Бонк барои давом додани фаъолият дарояндаи дидашаванда.

Роҳбарият инчунин ҷавобгар аст барои:

- тартиб, татбиқ ва таъмини самаранокӣ ва боваринокии низоми назорати дохилии Бонк;
- бурдани баҳисобгирӣ дар шакле, ки эзоҳ намудан ва фаҳмонидани амалиётҳои Бонк, ва инчунин пешкаш намудани маълумоти дар сатҳи зарурӣ аниқ оиди вазъи молиявии Бонк ва фароҳам намудани мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба СБҲМ-ро, таъмин менамояд;
- бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ;
- қабул намудани чораҳои оқилона барои таъмини амнияти дороиҳои Бонк;
- бартараф ва ошкор намудани воқеаҳои амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва ғайра.

Ҳисоботи молиявии Бонк барои соле, ки 31 декабри соли 2018 ба охир расид, аз тарафи Роҳбарияти Бонк дар санаи 1 апрели соли 2019 тасдиқ шудааст.

**Аз номи Роҳбарият:**

**Ентен Лама**
**Раиси Бонк**

**Мирзосафар Сафаров**
**Директори молиявӣ**

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
1 апрели соли 2019

Deloitte.

ЧДММ «Делойт ва Туш»
кӯчаи Айнӣ 24а, офиси 307
ш. Душанбе, 734012
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тел.: +992 (44) 600 62 00
Факс: +992 (44) 600 62 01
deloitte.com

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба Саҳомон ва Шӯрои нозирони Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Аввалин бонки молиявии хурд»:**

### Ақида

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Аввалин бонки молиявии хурд»-ро (дар оянда «Бонк»), ки аз ҳисобот оиди вазъи молиявӣ дар санаи 31 декабри соли 2018, ҳисоботҳо оид ба фоида ё зарар ва дигар фоидаи умумӣ, тағйирёбии сармоя ва гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар ин сана ба охир расид ва инчунин эзоҳоти усулҳои асосии сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар тавзеҳот иборат аст, гузарондем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии мазкур дар тамоми ҷанбаҳои асосӣ вазъи молиявии Бонкро дар санаи 31 декабри соли 2018, ва инчунин натиҷаи фаъолият ва гардиши воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар ин сана ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ("СБҲМ") боэътимодона инъикос менамояд.

### Асос барои ақида

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ ("СБА") гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши "Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботҳои молиявӣ"-и ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст ("Кодекси ШСБАМ"), дар якҷояги бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Бонк мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва ҳолатҳои муносиб мебошанд.

### Масъалаҳои муҳим

Мо диққатро ба Эзоҳи 4 ба ҳисоботи молиявӣ ҷалб менамоем, ки ислоҳоти маълумоти муқоисавиро барои соле, ки 31-уми декабри соли 2017 ба охир расидааст, тавсиф менамояд. Ақидаи мо дар робита бо ин масъала тағйир наёфтааст.

### Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъули идоракунии Бонк барои ҳисоботи молиявӣ

Роҳбарияти Бонк барои таҳия ва пешниҳоди боэътимодноки ҳисоботи молиявии мазкур мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ, ва инчунин барои таъсис додани низоми назорати дохилие, ки онро роҳбарият барои таҳияи ҳисоботи молиявие, ки дорои таҳрифи муҳими дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва хатогӣ бавуҷудомада нест, зарур меҳисобад, масъул аст.

Номи «Делойт» ба як ё шумораи ихтиёрии шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони бонуфузи онҳо, ки дар якҷоягӣ ба «Делойт Туш Томасу Лимитед» (минбаъд «ДТТЛ») - ширкати хусусии иштирокдоронаш дорои масъулияти дар ҳудуди аз ҷониби онҳо кафолат дода шуда, ки тибқи қонунгузории Британияи Кабир ба қайд гирифта шудааст, тааллуқ доранд, мансуб аст. Ҳар як чунин шахси ҳуқуқӣ шахси ҳуқуқии мустақил ва соҳибихтиёр мебошад. ДТТЛ (ҳамчунин «шабакаи байналмилалии «Делойт» номида шаванда) ба мизоҷон ягон хизмати бевоситаро намерасонад. Итиллои пурраи сохтори ҳуқуқии ДТТЛ ва шахсони ҳуқуқии ба он шомил буда дар сомонаи www.deloitte.com/about пешниҳод шудааст.

© 2019 ЧДММ «Делойт ва Туш». Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ, Роҳбарияти Бонк барои баҳодиҳии қобилияти давом додани фаъолият дарояндаи дидашаванда, ва вобаста аз вазъият эзоҳ намудани масъалаҳои ба фаъолияти мунтазам вобаста ва истифода намудани асоси фаъолияти мунтазам ҳангоми баҳисобгирӣ масъул мебошад, ба истиснои ҳолатҳои нияти барҳамдиҳии Бонк ё қатъ намудани фаъолият он доштани Роҳбарият ё ин ки интихоби воқеии дигар надоштани он.

Шахсони масъули идоракунии Бонк барои назорат аз болои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии Бонк масъуланд.

**Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботи молиявӣ**

Ҳадафи мо аз гирифтани боварии комил оиди аз таҳрифи муҳими дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва хатогӣ ба вуҷуд омада озод будани ҳисоботи молиявӣ ва изҳори хулосаи аудиторӣ, ки ақидаи моро дар бар мегирад, иборат аст. Боварии комил ин боварии дараҷаи баланд мебошад, аммо он кафолат намедиҳад, ки дар раванди санҷиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда, ҳамаи хатогиҳои руйдода ошкор мешаванд. Хатогиҳо метавонанд дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакорона ё хатогӣ ба вуҷуд оянд ва дар ҳолате муҳим ҳисобида мешаванд, ки агар дар алоҳидагӣ ё якҷоягӣ метавонанд ба интихоби иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботҳои молиявӣ карда мешавад, таъсир расонанд.

Дар давоми санҷиши аудиторӣ мувофиқи СБА мо довари касбиро амалӣ намуда скептисизми касбиро дар давоми аудит нигоҳ медорем. Мо инчунин:

- хавфи хатогии муҳимро дар ҳисоботи молиявии дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ва хатогӣ ба вуҷуд омада муайян намуда ба он баҳо медиҳем, тартиботи аудиториро, ки ба ин хавфҳоро ҷавобгаранд тайёр ва иҷро менамоем, далелҳои аудиториеро, ки барои баён намудани ақидаи мо кифоя ва муносиб мебошанд дастрас менамоем. Хавфи ошкор накардани хатогиҳои муҳими дар натиҷаи амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ ба вуҷуд омада аз онҳое, ки дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷуд омадаанд, зиедтар мебошад, зеро амалиёти мусоҳилакоронаи молиявӣ метавонад махфинигоҳдорӣ, фиреб, таҳрифоти қасдӣ, изҳороти хатто ё иҷтинобии назорати дохилиро дар бар гирад.
- назорати дохилиро дар ҳудуде меомузем, ки ба санҷиши аудитори дахолат дорад ва барои тайёр намудани тартиботи аудитории муносиб зарур аст, на барои изҳор намудани ақида оиди самаранокии назорати дохилии Бонк.
- Муносиб будани сиёсати ҳисобдории истифодашаванда ва асоснок будани баҳодиҳии молиявӣ ва эзоҳоти марбут, ки аз тарафи Роҳбарият пешниҳод шудаанд аз назар мегузаронем.
- Хулосаро оиди асоснок будани истифодаи асоси фаъолияти мунтазам барои тайер намудани ҳисоботи молиявӣ аз тарафи роҳбарият, ва дар асоси далелҳои аудитории дастрасшуда оиди мавҷуд будани номуайянии муҳими ба ҳодисае ё шароите алоқаманд, ки метавонад қобилияти фаъолияти мунтазами Бонкро таҳти шубҳаи ҷиддӣ орад, тайёр менамоем. Агар мо ба хулосае биёем, ки номуайянии муҳим мавҷуд аст, мо бояд дар хулосаи аудитории худ диққатро ба эзоҳоти муносиб дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем, ва агар чунин эзоҳот нокифоя бошад, ақидаи худро тағьир намоем. Хулосаи мо дар далелҳои аудитории то санаи хулосаи аудиторӣ гирифташуда асос меебад. Аммо ҳодисаҳо ё шароитҳои оянда метавонанд қобилияти фаъолияти мунтазами Бонкро таҳти шубҳа монанд.
- Оиди пешниҳоди умумии ҳисоботи молиявӣ, сохтор ва мазмуни он, аз ҷумла эзоҳот, ва инчунин пешниҳоди одилонаи амалиётҳо ва ҳодисаҳо дар ин ҳисоботи молиявӣ баҳо медиҳем.

Deloitte.

Мо ба шахсони масъули идоракунии Бонк маълумотро оиди банақшагирии миқёс ва мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва инчунин мушоҳидаҳои муҳими аудит, аз ҷумла норасоиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, ки мо дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудаем, мерасонем.

Гуланор Атобек
Директори генералӣ

ҶДММ «Делойт ва Туш»

Иҷозатномаи ВМ№ 0000106 аз санаи 13 майи соли 2018 барои фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Иҷозатномаи БМТ№ 0000093 аз санаи 9 январи соли 2019 барои аудити ташкилотҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст.

1 апрели соли 2019
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Анаҳита Толибекова
Аудитори
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳодатномаи тахассусии
ВМ № 0000264
аз санаи 19 декабри соли 2017

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

**ҲИСОБОТ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ**
**ДАР САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018**
***Бо ҳазор сомонӣ***

| | Эзоҳот | 31 декабри соли 2018 | 31 декабри соли 2017 (ислоҳшуда*) | 1 январи соли 2017 (ислоҳшуда*) |
|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО:** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо | 5, 32 | 294,996 | 249,204 | 188,905 |
| Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон | 6 | 37,733 | 30,382 | 24,028 |
| Воситаҳои молиявии деривативӣ | 7 | - | 162 | 966 |
| Маблағҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 8 | 27,956 | 882 | - |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 9, 32 | 296,824 | 240,965 | 221,411 |
| Қоғазҳои қимматноки сармоягузорӣ | 10 | 31,846 | 11,969 | - |
| Дороиҳои андоз аз даромад | 27 | 298 | - | 1,913 |
| Воситаҳои асосӣ | 11 | 4,966 | 5,310 | 5,473 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 12 | 466 | 365 | 303 |
| Гаравҳои гирифташуда | 13 | 7,057 | 5,573 | 841 |
| Дигар дороиҳо | 14 | 5,322 | 8,772 | 8,390 |
| ҶАМЪИ ДОРОИҲО | | **707,464** | **553,584** | **452,230** |
| **УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | | |
| **УҲДАДОРИҲО:** | | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 15, 32 | 19,454 | 21,619 | 31,804 |
| Амонатҳои мизоҷон | 16, 32 | 534,758 | 430,081 | 329,159 |
| Маблағҳои ба Ҳукумат пардохтшаванда | 17, 32 | 29,918 | 24,015 | 21,874 |
| Қарзҳои субординарӣ | 18 | 24,923 | 18,935 | 22,378 |
| Ӯҳдадориҳои ҷории андоз аз фоида | 27 | 3,273 | 1,704 | - |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 19 | 8,643 | 7,316 | 4,607 |
| Ҷамъи ӯҳдадориҳо | | **620,969** | **503,670** | **409,822** |
| **САРМОЯ:** | | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 20 | 74,470 | 56,810 | 56,810 |
| Захираи умумӣ | | 7,480 | 7,480 | 7,480 |
| Фоидаи тақсимнашуда/(зарари ҷамъшуда) | | 4,545 | (14,376) | (21,882) |
| Ҷамъи сармоя | | **86,495** | **49,914** | **42,408** |
| **ҶАМЪИ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **707,464** | **553,584** | **452,230** |

* ба Эзоҳи 4 ба ҳисоботи молиявӣ нигаред.

**Аз номи Роҳбарият:**

**Ентен Лама**
**Раиси Бонк**

**Мирзосафар Сафаров**
**Директори молиявӣ**

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
1 апрели соли 2019



Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-80 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб мераванд.

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

### ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ФОИДАИ УМУМӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 БА ОХИР РАСИД

***Бо ҳазор сомонӣ***

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 ба охир расид | Барои соле, ки 31 декабри соли 2017 ба охир расид (ислоҳшуда*) |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 21, 32 | 82,434 | 69,162 |
| Хароҷоти фоизӣ | 21, 32 | (21,692) | (20,010) |
| **ДАРОМАДИ ХОЛИСИ ФОИЗӢ ТО ТАЪСИРИ ТАШАККУЛИ/(БАРҚАРОРСОЗИИ) ЗАХИРА АЗ РУИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РУИ ОНҲО ФОИЗ ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАД** | | **60,742** | **49,152** |
| Барқарорсозии захира аз руи беқурбшавии дороиҳое, ки аз руи онҳо фоиз ҳисоб карда мешавад | 22 | 6,633 | 4,138 |
| **ДАРОМАДИ ХОЛИСИ ФОИЗӢ** | | **67,375** | **53,290** |
| Даромади холис аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | 23 | 10,006 | 7,974 |
| Даромад аз хизматрасонӣ ва комиссияи гирифташуда | 24, 32 | 11,817 | 10,039 |
| Хароҷот аз хизматрасонӣ ва комиссияи пардохташуда | 24, 32 | (2,909) | (2,161) |
| Дигар даромадҳо | 25 | 2,881 | 955 |
| **ДАРОМАДИ ХОЛИСИ ҒАЙРИФОИЗӢ** | | **21,795** | **16,807** |
| **ДАРОМАДИ АМАЛИЁТӢ** | | **89,170** | **70,097** |
| ХАРОҶОТИ АМАЛИЁТӢ | 26, 32 | (63,038) | (56,629) |
| **ФОИДА ТО ТАШАККУЛИ ЗАХИРА АЗ РУИ ДИГАР АМАЛИЁТҲО** | | **26,132** | **13,468** |
| (Ташаккули)/барқарорсозии захира аз руи дигар амалиётҳо | 22 | (2,436) | 360 |
| **ФОИДА ТО АНДОЗБАНДӢ** | | **23,696** | **13,828** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 27 | (9,416) | (6,322) |
| **ФОИДАИ ХОЛИС** | | **14,280** | **7,506** |
| **ФОИДАИ УМУМӢ** | | **14,280** | **7,506** |

* ба Эзоҳи 4 ба ҳисоботи молиявӣ нигаред.

**Аз номи Роҳбарият:**

**Ентен Лама**
**Раиси Бонк**

**Мирзосафар Сафаров**
**Директори молиявӣ**

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
1 апрели соли 2019



Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-80 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб мераванд.

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

### ҲИСОБОТ ОИД БА ТАҒЪИРЁБИИ САРМОЯ
### БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 БА ОХИР РАСИД

***Бо ҳазор сомонӣ***

| | Сармояи оинномавӣ | Захираи умумӣ [1] | Фоидаи тақсимна-шуда/(зарари ҷамъшуда) | Ҷамъи сармоя |
|---|---|---|---|---|
| **Дар санаи 1 январи соли 2017** | **56,810** | **7,480** | **(21,882)** | **42,408** |
| Фоидаи холис | - | - | 7,506 | **7,506** |
| **Дар санаи 31 декабри соли 2017** | **56,810** | **7,480** | **(14,376)** | **49,914** |

| | Сармояи оинномавӣ | Захираи умумӣ [1] | Зара Фоидаи тақсимна-шуда/(зарари ҷамъшуда) | Ҷамъи сармоя |
|---|---|---|---|---|
| **Дар санаи 1 январи соли 2018 (пеш аз азнавҳисобкунӣ)** | **56,810** | **7,480** | **(14,376)** | **49,914** |
| Таъсири гузариш ба СБҲМ 9 | - | - | 4,641 | **4,641** |
| **Дар санаи 1 январи соли 2018 (баъд аз азнавҳисобкунӣ)** | **56,810** | **7,480** | **(9,735)** | **54,555** |
| Нашри сармояи оинномавӣ | 17,660 | - | - | **17,660** |
| Фоидаи холис | - | - | 14,280 | **14,280** |
| **Дар санаи 31 декабри соли 2018** | **74,470** | **7,480** | **4,545** | **86,495** |

[1] Захираи умумӣ азхудкунии фоидаи тақсимнашударо мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

**Аз номи Роҳбарият:**

**Ентен Лама**
**Раиси Бонк**

**Мирзоасафар Сафаров**
**Директори молиявӣ**

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
1 аперли соли 2019



Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-80 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравад.

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

## ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
## БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 БА ОХИР РАСИД

***Бо ҳазор сомонӣ***

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 ба охир расид | Барои соле, ки 31 декабри соли 2017 ба охир расид |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ:** | | | |
| Фоида то андозбандӣ | | 23,696 | 13,828 |
| Ислоҳот барои: | | | |
| Захира аз руи бекурбшавии дороиҳое, ки аз руи онҳо фоиз ҳисоб карда мешавад | | (6,633) | (4,138) |
| Тағъироти холиси дигар захираҳо | | 2,436 | (360) |
| Даромади холис аз руи азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | | (352) | 99 |
| Хароҷотҳо оид ба истеҳлок ва фарсудашавӣ | | 1,574 | 1,727 |
| Зарар аз содироти воситаҳои асосӣ | | 23 | 8 |
| Тағъироти холиси даромад ва хароҷоти фоизии ҳисобшуда | | (437) | 60 |
| Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағъирёбии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | 20,307 | 11,224 |
| Тағъирёбии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | | |
| (Камшавии)/зиёдшавии дороиҳои амалиётӣ: | | | |
| Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон | | (7,351) | (6,354) |
| Дороиҳои молиявӣ аз рӯи арзиши одилона, ки тағъироти онҳо дар таркиби фоида ё зарар инъикос мешаванд | | 162 | 804 |
| Маблағҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | | (27,710) | (882) |
| Қарзҳо ба мизоҷон | | (49,468) | (20,081) |
| Дигар дороиҳо | | 2,984 | (22) |
| Камшавии/(зиёдшавии) ӯҳдадориҳои амалиётӣ: | | | |
| Маблағҳои ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | | 6,644 | (1,670) |
| Амонатҳои мизоҷон | | 104,507 | 100,838 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | 1,327 | 2,709 |
| Воридоти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ | | 51,402 | 86,566 |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (8,145) | (2,705) |
| Воридоти холиси воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ | | 43,257 | 83,861 |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | | |
| Хариди қоғазҳои қимматноки сармоягузорӣ БАОДТДФУ | | - | (3,000) |
| Воридот аз пардохти қоғазҳои қимматноки сармоягузорӣ БАОДТДФУ | | 91 | - |
| Хариди қоғазҳои қимматноки сармоягузорие, ки бо арзиши истехлокшаванда ба ҳисоб гирифта мешаванд | | (58,687) | (8,790) |
| Воридот аз пардохти қоғазҳои қимматноки сармоягузорие, ки бо арзиши истехлокшаванда ба ҳисоб гирифта мешаван, ки мухлаташон ба охир омад | | 39,120 | - |
| Воридот аз фуруши дороиҳои гирифташуда | | 2,931 | - |
| Хариди воситаҳои асосӣ | | (1,184) | (1,439) |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | | (170) | (195) |
| Содироти холиси воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ | | (17,899) | (13,424) |



Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-80 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб мераванд.

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

### ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ (ДАВОМ)
### БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018 БА ОХИР РАСИД
***Бо ҳазор сомонӣ***

| | Эзоҳот | Барои соле, ки 31 декабри соли 2018 ба охир расид | Барои соле, ки 31 декабри соли 2017 ба охир расид |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | |
| Воридот аз нашри сармояи оинномавӣ | | 17,660 | - |
| Воридот аз маблағҳои ба Ҳукумат пардохтшаванда | | 5,552 | - |
| Қарзҳои субординарии пардохташуда | | (3,442) | - |
| Пардохти маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | | - | (10,039) |
| Содироти холиси воситаҳои пулӣ аз амалиётҳои молиявӣ | | 19,770 | (10,039) |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ | | 664 | (99) |
| **ЗИЁДШАВИИ /(КАМШАВИИ) ХОЛИСИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО** | | **45,792** | **60,299** |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар аввали сол** | **5** | **249,204** | **188,905** |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА ҲАМАРЗИШҲОИ ОНҲО, дар охири сол** | **12** | **294,996** | **249,204** |

Дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2018 ба охир расидааст, фоизҳои гирифташуда ва пардохтшудаи Бонк 81,466 ҳазор сомонӣ ва 21,161 ҳазор сомониро, мутобиқан ташкил дод.

Дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2017 ба охир расидааст, фоизҳои гирифташуда ва пардохтшудаи Бонк 68,916 ҳазор сомонӣ ва 19,182 ҳазор сомониро, мутобиқан ташкил дод.

**Аз номи Роҳбарият:**

**Ентен Лама**
**Раиси Бонк**

**Мирзосафар Сафаров**
**Директори молиявӣ**

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
1 апрели соли 2019



Эзоҳот дар саҳифаҳои 10-80 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравад.